***ТДУ 373 (575,3)***
***DOI:10.24412-2077-4990-2024-279-139-144***

***ИНКИШОФИ БАДЕИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ***

***Осимова Парвина Абдулатифовна,*** *муаллими кафедраи табиӣ-риёзӣ, тарбияи эстетикӣ ва методикаи таълими онҳои МТД " ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров" (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***ХУДОЖЕСТВЕННОЕ РАЗВИТИЕ УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ***

***Осимова Парвина Абдулатифовна,*** *преподаватель кафедры естественно-математических наук, эстетстического воспитания и методики их преподавания ГОУ «ХГУ имени акад. Б. Гафурова», (Таджикистан, Худжанд)*

***ARTISTIC DEVELOPMENT OF PRIMARY CLASS STUDENTS***

***Osimova Parvina Abdulatifovna,*** *Lecturer of the Department of Natural and Mathematical Sciences, Aesthetic Education and Methods of SEI "KhSU named after acad. B.Gafurov" (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:*** *parvina_osimova@mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *муаммо, инкишоф, муносибати бадеӣ ва эстетикӣ, шуур, субъект, объект, санъати тасвирӣ, забони санъат, қобилият*

*Мақола инкишофи бадеияти хонандагони синфҳои ибтидоиро баррасӣ мекунад. Қайд карда мешавад, ки мавҷудияти иқтидори пайдоиши муносибати эстетикӣ дар субъект шароити зарурии барои эҷод кардан аст. Аз ин рӯ, инкишофи шуури бадеӣ дар алоҳидагӣ аз эстетикӣ нораво мебошад, вагарна он ҳам барои ташаккули мавқеи бинанда ва ҳам барои ташаккули эҷодиёти бадеии шахсии инсон оқибатҳои манфӣ мерасонад. Таззакур меравад, ки сарфи назар аз таърифҳои гуногун, инкишофи бадеияти кӯдак ин тағйироти миқдорӣ ва сифатӣ мебошад, ки мувофиқи синну сол ва зери таъсири шароити мақсадноки ташкилию педагогӣ барои амалисозии таълим ба вуҷуд меоянд ва дар азхудкунӣ ва ба низом даровардани таҷрибаи бадеӣ дар шакли ғояҳо ва мафҳумҳои бадеӣ, ташаккули мавқеи (дудилагӣ) муаллиф дар фаъолияти бадеӣ ва эҷодии шахсии худ, ки ба намуди мушаххаси санъат алоқаманд аст. Муаллиф ба хулосе меояд, ки дар вақти бо санъати тасвирӣ шинос кардани хонандагон ба муқоисаи асарҳои бадеӣ, тавсифи асарҳои санъати тасвирӣ ва ороишӣ-амалӣ, инчунин ба таври эҷодӣ пурмазмун, ҷустуҷӯи воситаҳои ифодаи бадеӣ ҳангоми эҷод намудани расмҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ диққати махсус додан лозим аст.*

***Ключевые слова:*** *проблема, развитие, художественно-эстетическое отношение, сознание, субъект, объект, изобразительное искусство, искусство, способность*

*В статье рассматривается художественное развитие учащихся начальных классов. Отмечается, что наличие потенциала возникновения эстетического отношения у субъекта является необходимым условием творчества. Поэтому развитие художественного сознания в отрыве от эстетики нежелательно, иначе оно будет иметь негативные последствия как для формирования позиции зрителя, так и для формирования личного художественного творчества человека. Следует отметить, что, несмотря на различные определения, авторы, чьи труды анализируются в статье, сходятся во мнении, что развитие детского творчества представляет собой количественное и качественное изменение, происходящее в зависимости от возраста и под влиянием целевых организационно-педагогических условий реализации обучения и воспитания в приобретении и систематизации художественного опыта в виде художественных идей и концепций, формировании (неоднозначной) позиции автора в его личной художественно-творческой деятельности, связанной с конкретным видом искусства. В статье автор приходит к выводу, что при знакомстве учащихся с изобразительным искусством необходимо уделять особое внимание сравнению художественных произведений, описанию изобразительных и декоративно-прекладных произведений искусства, а также творчески осмысленному поиску средств изобразительного искусства.*

***Key words:*** *problem, development, artistic-aesthetic attitude, consciousness, subject, object, fine arts, art, ability*

*The article dwells on the artistic development of primary school students. It is noted that the presence of the potential for the emergence of an aesthetic attitude in the subject is a necessary condition for creativity. Therefore, the development of artistic consciousness in isolation from aesthetics is undesirable, otherwise it will have negative consequences both for the formation of the viewer's position and for the formation of a person's personal artistic creativity. It should be noted that, despite different definitions, these authors agree that the development of children's creativity is a quantitative and qualitative change that occurs*

*depending on age and under the influence of target organizational and pedagogical conditions for the implementation of education and training in the acquisition and systematization of artistic experience in the form of artistic ideas and concepts, the formation of the (ambiguous) position of the author in his personal artistic and creative activity related to a specific type of art. In the article, the author comes to the conclusion that when introducing students to the fine arts, it is necessary to pay special attention to the comparison of works of art, the description of fine and decorative works of art, as well as a creatively meaningful search for means of fine art. Artistic expression in the creation of drawings by elementary school students.*

Масъалаи афзалиятноке, ки дар стандарти давлатӣ эътироф шудааст ин инкишофи қобилиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба идроки асарҳои санъат аз ҷиҳати бадеӣ-образӣ, эмосионалӣ-арзишнокӣ, инчунин ифодаи муносибати хонандагон ба олами атрофро дар корҳои эҷодӣ ба роҳ монда, барои раванди мақсадноки инкишофи бадеии кӯдакон дар синфҳои ибтидоӣ самти муҳимро муайян мекунад.

Дар синфҳои ибтидоӣ хонандагон дар раванди тарбия ва маърифати бадеӣ, ки фанҳои санъати тасвирӣ, мусиқӣ ва хониши бадеиро дар бар мегирад, инчунин дар машғулиятҳои маҳфилҳои рассомӣ ва амалӣ намудани дигар шаклҳои таълими иловагӣ ба таври мақсаднок, тарбия ва маърифати бадеию эстетикӣ инкишоф мёбанд.

“Эстетика шаклҳои гуногуни шуури эстетикӣ ва фаъолиятро таҳқиқот мекунад. Он қонуниятҳои умумии зебоиро кушода медиҳад ва бисёр соҳаҳои рафтори фаъолияти инсон: меҳнат, таҳсил, варзиш, муносибати ҳамдигарӣ ва ғайраро дар бар мегирад” [2, с. 203].

Муаммои инкишофи бадеияти хонандагон аз сабаби набудани таърифи аниқи мафҳуми “инкишофи бадеӣ” хеле мураккаб мегардад. Ин, аз ҷумла, ба омехта шудани мафҳумҳои “бадеӣ” ва “эстетикӣ” вобаста аст. Фарқи байни ин истилоҳотро М.С. Каган хуб тавсиф кардааст [6,с.101]. Муаллиф бар он ақида аст, ки байни арзишҳои эстетикӣ ва эҷодиёти бадеӣ робитаи диалектикӣ вуҷуд дорад. Ӯ дар асарҳои худ хислатҳои фарққунандаи бадеӣ ва эстетикиро тасвир мекунад.

Аз дидгоҳи М.С. Каган, муносибати бадеӣ ва эстетикӣ дар фаъолияти шуур дар он зуҳур мёбад, ки эстетика ҳамчун муносибати махсуси субъект ба объект зуҳур мёбад, он инкишоф ёфта, танҳо хислатҳои субъективии эмосионалиро инъикос менамояд, ки дар шуур ва зершуур аз ҷониби объект (яъне падидаи табиӣ, шахси дигар ё асари санъат) тавлид мешаванд.Дар он вақте ки дар шуури бадеӣ, ба ақидаи М.С. Каган, гузориши рассом ба муошират бо субъектҳои дигар ба вуҷуд меояд, муносибати эстетикии дар шуури субъект пайдо шуда, худ аз худ боиси офаридани эҷодиёти бадеӣ намегардад, чунонки вай бевосита ба муколама (воқеӣ ё хаёлӣ) бо таълифи асари бадеӣ оварда намерасонад (ин ба асарҳои ягон намуди санъат дахл дорад). Дар ҳоле ки шуури бадеӣ на танҳо ниёзи шунаванда, хонанда, бинандаро барои ворид шудан ба муошират хаёлӣ (ё воқеӣ) бо муаллифи асари бадеӣ инъикос мекунад, балки барои идомаи ин муколама дар баёни диди худ дар эҷодиёти худ тела медиҳад, яъне тадқиқоти худро дар шакли моддии муайян таҷассум кунад. Ҳамин тавр, дар бораи хусусияти коммуникативии шуури бадеӣ сухан рондан мумкин аст.

Ба андешаи М.С. Каган вазифаи асосии шуури бадеӣ азхудкунии иттилооти маънавии дар афсонаҳо, иконаҳо, дуоҳо ва осори бадеие мебошад, ки ҳамчун тасвири саҳеҳи ҳодисаҳои воқеӣ, ҳамчун зуҳуроти воқеияти объективӣ ба ҳисоб меравад. Воқеан, бе ташаккули шуури бадеӣ офаридан ё пурра дарк кардани объекти эҷодиёти бадеӣ ғайриимкон аст.

Тафовути асосии байни бадеӣ ва эстетикӣ дар набудани шавқи охирин барои татбиқи амалии ғоя ё ният мебошад. Дар баробари ин, шуури бадеӣ ҳамеша коркарди чизҳои дидаву шунидаро талаб мекунад, то ки таассуроти шахсии худро дар он ифода кунад. Ин маънои онро дорад, ки бадеӣ дар сатҳи калон аз эстетика фаъол ва бошууртар аст. Ба ибораи дигар, шуури бадеӣ омили муҳимме дар фаъолияти эҷодии инсон хоҳад буд.

“Фаъолияти эҷодӣ – фаъолият, ки дар он эҷодиёт ҳамчун қисмати бартаридошта дар сохтор ё ҳадафи он, ё тарзҳо дохил мешавад”[10,с. 233].

Бояд қайд кунем, ки мавҷудияти иқтидори пайдоиши муносибати эстетикӣ дар субъект шароити зарурӣ барои эҷод кардан аст. Аз ин рӯ, инкишофи шуури бадеӣ дар алоҳидагӣ аз эстетикӣ нораво мебошад, вагарна оқибатҳои манфӣ ҳам барои ташаккули мавқеи бинанда ва ҳам барои ташаккули эҷодиёти бадеии шахсии инсон мерасонад.

М.С. Каган инкишофи бадеиятро дар ягонагӣ бо тарбияи эстетикӣ мешуморад. Бо ин вай раванди ба мақсад нигаронидашуда ва раванди бошууронаи ба фарҳанг ворид намудани шахсро мефаҳмад, ки дар муассисаҳои махсус барои ин таъсисдодашуда, дар муошират бо

дӯстону наздикон ва инчунин мустақилона дар тамоми соҳаҳои фаъолияти амалии инсон ба таври мустақилона сурат мегирад [6, с. 207].

Раванди педагогӣ аз ҷиҳати инкишофи бадеӣ дар марҳалаи ибтидоии мактаб ба чӣ бояд нигаронида шавад? Вобаста ба фаҳмиши истилоҳи "инкишофи бадеӣ" ба ин савол ҷавобҳои гуногун мавҷуданд. Масалан, В.А. Варданян, В.С. Кузин, Г.В. Лабунская, Б.М. Теплов ва дигарон зери он инкишофи қобилияти намудҳои алоҳидаи санъатро дар назар доранд. Ин муносибат муайян кардани он сифатҳоеро талаб мекунад, ки барои аз худ кардани як намуди санъат заруранд. Ҳамин тавр, ҳангоми таълими санъати тасвирӣ хусусиятҳои низоми босиравии инсон (нозукии фарққунии рангҳо, хотираи басарӣ, мутобиқати чашм ва даст ва ғайра), дарки шунавоӣ ҳангоми таълими мусиқӣ маҷмуи хислатҳои вобаста ба онро ба назар гирифтан лозим аст. Аз нуқтаи назари раванди бомақсад нигаронидашудаи инкишофи бадеият, таълим бояд ба фароҳам овардани шароит барои инкишофи ин сифатҳо нигаронида шавад.

М.Б. Глотов ба маънои инкишофи бадеӣ тағйиротеро дар назар дорад, ки дар давраи таълими онҳо нишондиҳандаҳои зерин ба амал меояд: талабот ва шавқу рағбати бадеӣ, қобилият ва малакаи дарки бадеӣ ва эҷодкорӣ, дониши бадеӣ, арзёбӣ ва завқ [4,с.89].

Назари Б.М. Неменский, дар инкишофи бадеият ҳама чиз бояд ба назар гирифта шавад: дарки забони санъат, ташкили фаъолияти бадеию эҷодӣ ва ташаккули муносибати эстетикӣ [9,с.11].

Тадқиқотҳои З.Н. Новлянская ва Г.Н. Кудина ба таври озмоишӣ нишон доданд, ки дар раванди инкишофи бадеӣ ташкили кумаки ба кӯдак берун аз «мавқеи хонанда» ба мавқеи шахси дигар – "муаллифи асар", "танқид" баромадан лозим аст [8,с.201]. Ба гуфтаи муаллифон, паҳлӯи дигари инкишофи бадеӣ ташкили гузариши хонандагон аз "уҳдадории норавшан оид ба «кӯшиш кардан» ба кори бошуурона дар мавқеи муаллиф"[8,с.210] мебошад. Аз ин рӯ, муаллифон чунин самтҳои инкишофи бадеиятро, монанди ташаккули мавқеи дудилагӣ ва мустақилият таъкид мекунанд. Мутаассифона, муҳаққиқон барои инкишофи бадеияти хонандагон танҳо як самти адабӣ таҳия кардаанд.

Сарфи назар аз таърифҳои гуногун, муаллифони дар боло зикршуда ба он розӣ ҳастанд, ки инкишофи бадеияти кӯдак- ин тағйироти миқдорӣ ва сифатӣ мебошад, ки мувофиқи синну сол ва зери таъсири шароити мақсадноки ташкилию педагогӣ барои амалисозии таълим ба вуҷуд меоянд ва дар азхудкунӣ ва ба низом даровардани таҷрибаи бадеӣ дар намуди тасаввурот ва мафҳумҳо, ташаккули мавқеи (дудилагӣ) муаллиф дар фаъолияти бадеӣ ва эҷодии шахсии худ, ки ба намуди мушаххаси санъат алоқаманд аст.

В. Тепикин ба сифати мустақилият чунин намудҳои эҷодиётро ҷудо мекунад: "эҷодиёти бадеӣ, илмӣ, техникӣ, варзишӣ – тактикӣ, инчунин ҳарбӣ – тактикӣ" [14, с. 95].

"Мафҳуми "эҷодиёт" – ин аслан раванди фаъолият мебошад. Аз ин лиҳоз, муҳим аст, ки танҳо ин мафҳумро фарқ кунем, балки аниқ моҳияти онро фаҳмем. Ва ба саволи дар бораи он, ки эҷодиёт чӣ аст, ҷавоб диҳем, бисёр муҳим аст, ки намудҳои мафҳуми мазкурро муоина кунем. Сарфи назар ба он, ки таснифоти ягона то ҳол вуҷуд надорад, мо метавонем намудҳои асосии эҷодиётро ҷудо кунем: 1. Эҷодиёти бадеӣ; 2. Эҷодиёти илмӣ; 3. Эҷодиёти техникӣ; 4. Эҷодиёти педагогӣ" [1, с. 189].

Аз нуқтаи назари педагогӣ инкишофи бадеияти кӯдак дар ҷараёни:

- таълим, ки ҳамчун тарзи интиқоли дониш фаҳмида мешавад;
- тарбия, ки ҳамчун роҳи интиқоли арзишҳо фаҳмида мешавад;
- инкишоф додани қобилияти сохтани лоиҳаҳои тасаввуротӣ, тимсолӣ, "моделҳои оянда";
- таълим, яъне тарзи мушаххаси интиқоли малакаҳои бадастомада барои татбиқи амалии донишҳои мавҷуда;
- ташаккули талабот, инчунин қобилияти муошират ҳам бо одамони дигар ва ҳам бо образҳои бадеии дар воқеияти атроф пайдошуда.

Маълум аст, ки дар синфҳои ибтидоӣ бартарияти равандҳои эҳсосӣ-идрокӣ бо бартарии фаъолияти низоми басарӣ мушоҳида мешавад, бинобар ин, ин синну сол барои инкишофи санъати басарӣ давраи инкишофи имкониятҳои баланди хусусиятҳои психологӣ ҳисобида мешавад.

Омили мусоиди инкишофи бадеият дар синфҳои ибтидоӣ ин эҳсосоти баланди дарки кӯдакон мебошад, ки бисёриҳо бо мурури синну сол онро гум мекунанд. А.Н. Малюков, А.А. Мелик-Пашаев, М.С. Старчеус хусусияти "ҳиссиёти ягона"-и кӯдакони 6-7-соларо қайд мекунанд, ки ҳангоми истифодаи муқоиса, ба ҳам овардани предмет аз рӯи маҷмӯи аломатҳо, ки муаллифон онро ҳамчун як шарти пешакии биниши бадеии зарурӣ истифода мебаранд [7,с.21]. Бояд қайд

кард, ки ба ақидаи бисёре аз муаллифон, санъати тасвирии кӯдакон танҳо то 10-12 солагӣ хусусияти шавқу завқи оммавиро нигоҳ медорад (Е. Игнатйев, С.В. Аранова, А.Н. Малюков ва ғ.).

Ҳамин тавр, синну соли синфи ибтидоӣ барои инкишофи бадеӣ дар соҳаи санъати тасвирӣ махсусан мусоид аст.

В.С. Собакин ва В.А. Левин қайд мекунанд, ки хонандаро дар муҳити эстетикӣ ҷой додан кифоя нест, барои дарки ҷиҳати маъноии санъат, ҷалб намудани хонанда ба муколамаи фарҳангӣ кӯмак кардан лозим аст. Ҳамин тариқ, муаллифон таъкид мекунанд, ки раванди инкишофи бадеият набояд номуташаккилона, балки мақсаднок бошад [13,с.151].

Дар асоси асарҳои С.Л. Рубинштейн ва дигарон тахмин карда мешавад, ки инкишофи инсон дар ҷараёни фаъолияти ӯ сурат мегирад, ки дар навбати худ табиати онро дигар мекунад [11,с.45].

Фаъолияти бадеиро метавон як намуди фаъолиятеро, ки ба муносибати эстетикӣ асос ёфтааст, муайян кард, ки ба дарк кардан, фаҳмидан, тафсир ва тасвир кардани воқеият (воқеӣ ё хаёлӣ) дар образҳои бадеӣ нигаронида шудааст.

“Фаъолият дар илми ватанӣ ҳамчун ҳамкории фаъоли одам бо воқеияти атроф, ки дар рафти он ҳамчун субъект, таъсиррасонии мақсаднок ба объект баромад мекунад ва ҳамин тавр талаботҳои худро қаноатманд мекунад” [5, с. 9].

Бояд қайд кард, ки ин фаъолиятро кӯдак ҳам бошуурона ва ҳам нафаҳмида, ҳам дар шароите, ки ба кӯдак маълум аст, мувофиқи алгоритми муқарраркардаи муаллим ва ҳам дар шароити комилан нав барои кӯдак, вақте ки худи ӯ бояд ба нақша гирад, амалиёти худро худаш интихоб кунад, анҷом дода метавонад.

Сарфи назар аз гуногунии сифатҳои барҷастае, ки барои бомуваффақият андӯхтани таҷриба дар соҳаи санъат ва ташаккули эҷодиёти бадеии хонанда заруранд, самтҳои зерини инкишофи бадеиятиро дар синфҳои ибтидоӣ ҷудо кардан мумкин аст:

1) Самти маърифатӣ аз инкишофи дарки бадеӣ, тасаввуроти эҷодии бадеӣ, тафаккур, хотира, ки интихоби асосиро, таъмин мекунад ва дар падидаҳои воқеият муҳим аст, таҳлил, синтез, умумӣ гардонидани таҷрибаи бадеӣ иборат аст (Р. Арнгейм, Л.А. Венгер, В.С. Кузин ва дигарон);

2) Самти муассирӣ-баҳодиҳӣ ба муносибати махсуси эстетикии хонанда ба воқеият нигаронида шудааст, ки дар рафти он имконияти фаъолияти эҷодӣ пайдо мешавад (М.А. Верб, А.А. Мелик-Пашаев, З.Н. Новлянская ва ғ.);

3) Самти амалиётӣ-иҷроӣ аз омезиши инкишофи маҳорати ҳисси моторӣ бо амали даст алоқаманд, таъмини зуд, дақиқ аз худ намудани тарзҳои нави техникӣ ва тасвирӣ таҳти назорати биноӣ иборат аст (Н.П. Сакулина, Т.С. Комарова, В.С. Кузин, Е.И. Игнатйев ва ғайра) ва ташаккули маҳорат ва малакаҳои ибтидоии техникӣ дар соҳаи расмкашии воқеӣ, ки тадриҷан кӯдаконро ба тасвири ба таври объективии боэътимод (Н.П. Сакулина, Г.В. Лабунская, Б.П. Юсов, В.С. Шербаков ва ғайра), инчунин бадеият ва маҳорати ифодакунанда, таъмин намудани офаридани образи бадеӣ тавассути усулҳои гуногун. Нисбат ба мактаббачагони хурдсол, ки аз ҷониби кӯдакон ифшои имконпазири баъзе ҷанбаҳои хоси предмет ё падидаи воқеияти инъикосшуда ва интиқоли муносибати фаъоли муассирӣ ба он бо истифода аз воситаҳои маъруфи бадеӣ мебошад (Г.Г. Григорйева, Г.В. Лабунская, В.Н. Кузин ва ғайра);

4) Самти ҳавасмандгардонӣ ба ташаккули самти шахсии кӯдак, таъмини фаъолияти бадеӣ диққати махсус медиҳад (В.С. Кузин ва дигарон);

5) Самти рефлексивӣ нақши махсуси дарки тасвири офаридашуда ва анҷомёфтаро аз тарафи хонандагон, инчунин баҳодиҳии онро аз рӯи дарки мавҷуда таъкид мекунад (Н.П. Сакулина; Б.М. Неменский ва ғайра).

Аҳамият диҳед, ки гарчанде бисёре аз муаллифон (Б.М. Неменский, А.А. Мелик-Пашаев, В.И. Левин ва ғ.) хусусияти муассирӣ ва пуризтиробии фаъолияти басарии кӯдакро таъкид мекунанд, соҳаи зеҳнӣ, махсусан ҳангоми татбиқи самтҳои маърифатӣ ва амалиётӣ-иҷроӣ ташкили раванди инкишофи бадеӣ дар синфҳои ибтидоӣ ғайриимкон ва матлуб нест.

Ҳамин тавр, дар вақти бо санъати тасвирӣ шинос кардани хонандагон ба муқоисаи асарҳои бадеӣ, тавсифи асарҳои санъати тасвирӣ ва ороишӣ-амалӣ, инчунин ба таври эҷодӣ пурмазмун ҷустуҷӯи воситаҳои ифодаи бадеӣ ҳангоми эҷод намудани расмҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ диққати махсус додан лозим аст. Ҳамзамон, эҷодиёти худи кӯдак бояд ба эҷоди образ

ва шакле равона карда шавад, ки дар он ғоя як ифодаи объективии беруна ба даст ояд ва барои одамони дигар дастрас ва фаҳмо бошад.

**АДАБИЁТ:**

1. Азизов, А.А.Формирование творческих способностей учащихся в начальных классах на уроках искусства и технологии в компетентном отношении/А.А.Азизов, М.Н.Алиева// Вестник таджикского национального университета, (научный журнал). №4. Маркази таъбу нашр, баргардон ва тарҷума. Душанбе – 2018. – 318 с.
2. Азизов, А.Содержание, методы, и средства формирование эстетического вкуса учащихся V-VII классов на уроках изобразительного искусства/А.Азизов, Ф.Яхьяев, М.Ғаниева// Вестник таджикского национального университета, (научный журнал). №3/4. Душанбе: «Сино» 2017. – 324 с.
3. Ананьев, Б.Г. Психология и проблемы человекознания [Текст]: / Б.Г Ананьев. – Москва: Воронеж. 1996. – 105 с.
4. Глотов, М.Б. Массовая культура и художественное развитие студентов/М.Б.Глотов// Российская массовая культура конца XX века. Материалы круглого стола. 4 декабря 2001 г. Санкт-Петербург. СПб.: Санкт-Петербургское философское общество. 2001. С.42-52.
5. Ефримов, О.Ю. Педагогика. Учебное пособие/О.Ю.Ефримов. – СПб.: Питер, 2010. – 352 с.
6. Каган, М.С. Эстетика как философская наука/М.С.Каган.-Санкт-Петербург, 1997.-544 с.
7. Малюков, А. Н. Психология переживания и художественного развития личности/А.Н.Малюков.- Дубна: Издательский центр «Феникс», 1999.-256 с.
8. Мелик-Пашаев А.А. Психологические основы художественного развития/А.А.Мелик-Пашаев, З.Н.Новлянская, А.А.Адаскина,Г.Н.Кудина,Н.Ф.Чубук.-М.: МГППУ, 2005.-160 с.
9. Неменский, Б.М. «Мудрость красоты»: О пробл. эст. Воспитания. Кн. для учителя. М.: Просвещение, 1987.- 255 с.
10. Рахимов С.Научно-педагогические основы формирования творческих способностей учащихся декоративно-прикладному искусству/С.Рахимов, А.А. Азизов// Вестник таджикского национального университета, (научный журнал). №3/9 (96). Душанбе: «Сино» 2012. – 299 с.
11. Рубинштейн, С. Л. Основы общей психологии. СПб.: Питер Ком, 1998. 705с.
12. Рубинштейн С.Л. Проблема способностей и вопросы психологической теории/С.Л.Рубенштейн// Хрестоматия по возрастной и педагогической психологии. Работы советских психологов периода 1946 - 1980 гг. / Под ред. И.И. Ильясова, В.Я. Ляудис. М.: Изд-во Моск. Ун-та, 1981.- С. 44-55.
13. Собакин В.С. Художественное образование и эстетическое воспитание/В.С.Собакин, В.А.Левин// Вопросы психологии. 1989.- №1.-С.24-31.
14. Тепикин В.В. Формирование творческой личности: поэт Николай Рубцов [Текст] / В.В. Тепикин // Генезис, стоновление и деятельность интеллигенции: междисциплинарный подход. – М: Инанова, 2000. – 378 с.

**REFERENCES:**

1. Azizov A.A., Alieva M.N. Formation of creative abilities of primary school students in art and technology lessons in a competent manner. Bulletin of the Tajik National University, (scientific journal). No. 4. Publishing, translation and translation center. Dushanbe - 2018. - 318 p.
2. Azizov A., Yakhyaev F., Ghanieva M. Content, methods, and means of forming the aesthetic taste of students of grades V-VII in fine arts lessons. Bulletin of the Tajik National University, (scientific journal). No. 3/4. Dushanbe: Sino, 2017. - 324 p.
3. Ananyev B.G. Psychology and problems of human knowledge [Text]: / B.G. Ananyev. – M.: Voronezh, 1996. - 105 p.
4. Glotov M.B. Mass Culture and Artistic Development of Students // Russian Mass Culture of the Late Twentieth Century. Round Table Proceedings. December 4, 2001 St. Petersburg. St. Petersburg: St. Petersburg Philosophical Society. 2001. P. 42-52.
5. Efrimov O.Yu. Pedagogy: manual. - St. Petersburg: Piter, 2010. - 352 p.
6. Kagan M.S. Aesthetics as a Philosophical Science. St. Petersburg, 1997. 544 p.
7. Malyukov A.N. Psychology of Experience and Artistic Development of the Personality. Dubna: Phoenix Publishing Center, 1999. 256 p.
8. Melik-Pashayev A.A., Novlyanskaya Z.N., Adaskina A.A., Kudina G.N., Chubuk N.F. Psychological foundations of artistic development. - M.: MGPPU, 2005. - 160 p.
9. Nemensky B.M. "Wisdom of beauty": On the problems of est. education. Book for a teacher. M.: Enlightenment, 1987. - 255 p.

10. Rakhimov S., Azizov A.A. Scientific and pedagogical foundations for the formation of creative abilities of students in decorative and applied arts. Bulletin of the Tajik National University, (scientific journal). No. 3/9 (96). - Dushanbe: Sino, 2012. - 299 p.
11. Rubinstein S.L. Fundamentals of General Psychology. - SPb.: Piter Kom, 1998. 705 p.
12. Rubinstein S.L. The problem of abilities and questions of psychological theory // Reader on age and educational psychology. Works of Soviet psychologists of the period 1946 - 1980 / Ed. I.I. Ilyasov, V.Ya. Lyaudis. M.: Moscow State University, 1981. - P. 44-55.
13. Sobakin V.S., Levin V.A. Art education and aesthetic education // Issues of psychology. 1989. No. 1. - P. 24-31.
14. Tepikin V.V. Formation of a creative personality: poet Nikolai Rubtsov [Text] / V.V. Tepikin // Genesis, formation and activity of the intelligentsia: an interdisciplinary approach. – M: Inanova, 2000. – 378 p.